# ҚАРОРИ
## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллииТоҷикистон

**аз 25.02.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич дар мавзӯи **«Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии муарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ» (аз рӯйи маводи "Фарҳанги ҷомеи корбурдии фарзон"-и Парвиз Атобакӣ)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филолги ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони форсӣ), тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – **Султонов Мирзоҳасан Баротович**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – **Усмонова Мунаввара Холиқовна**, муқарризони ғайрирасмӣ проф. Мардонӣ Т., проф. Мамадназаров А., проф. Хоҷаев Д., проф. Умар С., проф. Шарифова Ф., проф Раҷабов Ҳ. шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Тураев Абунаср дар мавзӯи **«Хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии мурарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ» (аз рӯйи маводи "Фарҳанги ҷомеи корбурдии фарзон"-и Парвиз Атобакӣ)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони форсӣ) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисос дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисос диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ, дотсент — Дӯстзода Ҳ.